№224 аз 10.04.2025

«Оид ба назорати камералӣ»

Мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 42 ва 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи банди 24, қисми 3 Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба назорати камералӣ» аз «11» январи соли 2024, №22, бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна, ба танзим даровардани назоратҳои камералӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аз байн бурдани баҳсҳо байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Гузаронидани назоратҳои камералӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда ва ҳоҷагиҳои деҳқонӣ то санаи 31 декабри соли 2025 муваққатан маҳдуд карда шавад.

2. Назоратҳои камералӣ нисбати соҳибкорони инфиродии дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳолатҳои зерин бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад:

- тибқи гузоришҳои асосноккардашудаи сарраёсатҳо, раёсатҳои Кумитаи андоз ва раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва ш.Душанбе, гузоришҳои асосноки гуруҳҳои кории барои анҷом додани корҳои назоратӣ сафарбаршуда;
- тибқи маълумоти расмии аз дигар вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ва ё дигар субъектҳои хоҷагидор дастрасшуда, ки ба ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андоз далолат менамоянд.

3.Фармоиши Кумитаи андоз аз 15.01.2025, №33 беэътибор доништа шавад.

4. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони сарпараст, сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андоз, сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, РААК ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо вогузор карда мешавад.

Раис Н. Давлатзода